**Протоколи № 9**

Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷӣ аз санаи 25.05.2019

Иштирок доштанд: раиси
Шӯрои олимони факултет
дотсент Абдуллоева М.А.,
аъзоёни Шӯро ва омӯзгорони
факултет

**Рӯзнома:**

**Масъалаҳои ҷорӣ**

1. Иваз намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Дилоро Субхонназаровна

**Шунида шуд**: Ахбороти декани факултет дотсент Абдуллоева М.А. роҷеъ ба иваз намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Дилоро Субхоназаровна.

Раиси Шӯрои олимони факултет дотсент Абдуллоева М.А. ҳозиринро бо масъалаи иваз намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Дилоро Субхонназаровна шинос намуд. Мавсуф қайд намуд, ки иқтибос аз протоколи ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ оид ба иваз намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Дилоро Субхонназаровна пешниҳод карда шудааст. Дар он чунин омадааст, ки номбурда унвонҷӯи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ ҳисоб меёфт ва ӯ бо роҳбарии Мамадназаров А. дар мавзӯи "Хусусиятҳои лексикографии луғати тоҷикӣ - англисии Ҷ.Маматов, К.Ҳоҷибоев, К.Кехо ва дигарон" корбарӣ

намудааст. Баъд аз ба ҳимоя расидани мавзӯи рисолаи илмии худ аз ҷониби дигар нафар унвонҷӯ Шоназарова Д. ба профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ходжаева Сурайё Очиловна муроҷиат намуда, хоҳиш намудааст, ки охирин роҳбари илмии ӯ гардад ва дар як шохаи луғатнигорӣ кори илмӣ тадқиқотӣ ба сомон расонида шавад.

**Баромад карданд**: Унвонҷӯ Шоназарова Д.С. дар баромади худ қайд кард, ки ӯ доир ба мавзӯи "Хусусиятҳои лексикографии луғати тоҷикӣ -англисии Ҷ.Маматов, К.Ҳоҷибоев, К.Кехо ва дигарон" маводҳои зиёд ҷамъ овардааст. Бинобар васеъ будани мавзуъ бо маслиҳати устод Ходжаева С.О. ӯ танҳо аз рӯйи як шохаи луғатнигорӣ тадқиқот бурдааст. Инчунин унвонҷӯи мазкур аз рӯи кори илмии худ як мақола ба маҷаллаи аз тарафи КОА – и Федератсияи Россия эътирофгардида ва як мақолаи дигарро ба маҷаллае супоридааст, ки низ аз тарафи КОА – и Федератсияи Россия эътироф шуда, дар арафаи чопшавӣ қарор дорад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ Азимова М.Н. иброз дошт, ки мавзӯи пешина дар ҳақиқат мавзӯи доманадор буда, хуб шуд, ки як самти он интихоб гардид.

Дотсент Юсупова М.И. суол намуд, ки оё профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ходжаева Сурайё Очиловна ризогии худро оид ба роҳбарӣ кардан ба рисолаи илмӣ пешниҳод намудааст?

Унвонҷӯ Шоназарова Д.С. дар ҷавоб иброз дошт, ки профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ходжаева Сурайё Очиловна ризояти хаттии худро оид ба роҳбарӣ намудан ба мавзӯи рисолаи илмии ӯ таҳти унвони "Семантическое поле концепта "лень" в таджикском и английском языках" ирсол намудааст.

Дигар аъзоёни Шӯрои олимони факултет фикри мазкурро ҷонибдорӣ намуданд ва **Қарор қабул карда шуд:**

1. Ахбороти декани факултет Абдуллоева М.А. роҷеъ ба иваз намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Дилоро Субхоназаровна ба инобат гирифта шавад.
2. Мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Д.С. аз "Хусусиятҳои лексикографии луғати тоҷикӣ - англисии Ҷ.Маматов, К.Ҳоҷибоев, К.Кехо ва дигарон" ба "Семантическое поле концепта "лень" в таджикском и английском языках" иваз карда шавад.
3. Мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Д.С. "Семантическое поле концепта "лень" в таджикском и английском языках" тасдиқ карда шавад.
4. Роҳбари илмии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Д.С. профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ходжаева Сурайё Очиловна тасдиқ карда шавад.
5. Аз Шӯрои олимони донишгоҳ хоҳиш карда шавад, ки қарори Шӯрои олимони факултетро оид ба иваз намудани роҳбари илмӣ ва мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Д.С. дастгирӣ намоянд.

Раиси Шӯрои олимони факултет Абдуллоева М.А.

ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Котиб Ҳомидова Д.И.